«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент
_____________ Сафарзода М.В.
«____» _________ 2026

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Саидзода Саида Саид дар мавзуи «Тасвири воқеияти зиндагӣ дар насри Саттор Турсун» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ)**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Саидзода Саида Саид ба таҳқиқи ҷанбаҳои муҳимми инъикоси воқеияти зиндагӣ дар насри нависандаи маъруфи тоҷик Саттор Турсун ихтисос ёфтааст. Дар кори илмӣ масъалаҳои вобаста ба омилҳои ташаккули ҷаҳонбинӣ ва шахсияти эҷодии нависанда, хусусиятҳои бадеии таҷассумёбии воқеияти зиндагӣ дар повестҳои ӯ, аз ҷумла «Сукути қуллаҳо», «Камони Рустам», «Мегӯянд, ки модарам», «Санг дар бағал ва тӯфон», инчунин вижагиҳои инъикоси воқеият дар романи «Се рӯзи як баҳор» дар асоси усулҳои муосири таҳқиқи адабиётшиносӣ мавриди таҳлилу баррасии илмӣ қарор гирифтаанд.

Муҳтавои диссертатсия ба доираи масъалаҳои таҳқиқотии шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) пурра мутобиқат дошта, ба талаботи илмӣ-назариявӣ ва методологии ин самти тахассус ҷавобгӯ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Эҷодиёти Саттор Турсун бо фарогирии масъалаҳои гуногуни ҳаётӣ, низоми мукаммали образҳо, инъикоси дақиқи равандҳои иҷтимоиву маънавии зиндагӣ, диалогу монологҳои пуртаъсир, таҳлили амиқи олами ботинии қаҳрамонҳо, шиддати равонӣ, инчунин сабк, забон ва услуби хоси бадеӣ дар адабиёти муосири тоҷик ҷойгоҳи намоён дорад ва таҳқиқи ҷиддии илмиро тақозо менамояд.

Аҳаммият ва мубрамии мавзуи таҳқиқ, пеш аз ҳама, дар зарурати омӯзиши фарогирии ҳамин ҷанбаҳо дар осори Саттор Турсун ифода меёбад, зеро онҳо то имрӯз дар адабиётшиносии тоҷик ба таври мустақили монографӣ мавриди таҳқиқ қарор нагирифтаанд. Диссертант

дар рисолаи илмии худ кӯшиш намудааст, ки паҳлуҳои гуногуни масъалаи мазкурро дар заминаи таҳлили илмӣ ва баррасии муфассал мавриди омӯзиш қарор диҳад.

Бо вуҷуди анҷом ёфтани баъзе корҳои илмӣ ва андешаҳои алоҳидаи муҳаққиқон доир ба ҷанбаҳои мухталифи эҷодиёти Саттор Турсун, ҳанӯз ҳам як қатор масъалаҳои муҳимми марбут ба хусусиятҳои ғоявӣ ва ҳунарии осори ин нависанда ниёз ба таҳқиқи ҳамаҷонибаи адабиётшиносӣ доранд. Аз ин рӯ, масъалагузорӣ, роҳу усулҳои таҳқиқ ва натиҷагириҳои пешниҳодгардида дар диссертатсия хусусияти тозагии илмӣ дошта, ҷойгоҳ ва саҳми Саттор Турсун дар раванди инъикоси воқеияти зиндагӣ дар насри муосири тоҷик ба таври мукаммал ва асоснок муайян гардидааст..

**Дараҷаи асоснoккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.** Диссертатсия бо риояи меъёрҳо ва талаботи таҳқиқоти илмӣ таҳия шуда, дорои масъалагузории дақиқ, интихоби мақсадноки усулҳои таҳлил ва хулосабарориҳои мантиқӣ мебошад. Гузоришҳо, хулосаҳо ва пешниҳодоти муаллиф дар асоси омӯзиши амиқи сарчашмаҳои илмӣ, осори бадеӣ ва таҳлилҳои муфассалу далелнок асоснок карда шудаанд. Мақолаҳои илмии интишорнамудаи диссертант мазмун ва натиҷаҳои асосии рисоларо инъикос намуда, аз ҷиҳати муҳтаво бо матни диссертатсия ҳамоҳангии комил доранд. Дар маҷмуъ, натиҷаҳо ва хулосаҳои бадастомада ба талаботи таҳияи диссертатсияи илмӣ пурра ҷавобгӯ мебошанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда.** Таҳқиқоти мазкур нахустин пажуҳиши мукаммали илмӣ ба шумор меравад, ки дар он маҷмуи масъалаҳои вобаста ба омилҳои ташаккули шахсияти эҷодӣ ва марҳилаҳои такомули эҷодиёти Саттор Турсун, равандҳои густариши жанрҳои ҳикоя ва повест дар адабиёти муосири тоҷик, накш ва ҷойгоҳи ҳикояву повестҳои ин нависанда дар ташаккули тамоилҳои асосии насри муосир, инчунин шеваҳои гуногуни тасвири воқеияти зиндагӣ дар осори ӯ мавриди таҳлилу баррасии ҳамаҷониба қарор гирифтаанд.

Дар диссертатсия, ҳамчунин, мундариҷа ва хусусиятҳои бадеии повестҳои Саттор Турсун, тарзи тасвири ҳолатҳои пуртазоди зиндагӣ ва образҳо дар романи «Се рӯзи як баҳор», забон ва сабки баёни нависанда ба таври муфассал таҳлил шудаанд. Илова бар ин, бозёфтҳои ҳунарӣ ва эҷодии нависанда, вижагиҳои поэтикии осори ӯ ва истифодаи бамаврид ва ҳадафманди боигариҳои забони тоҷикӣ дар раванди эҷод мавриди таҳқиқи илмӣ қарор гирифтаанд, ки саҳеҳӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои бадастомадаро таъмин менамоянд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Мавод, натиҷаҳо ва усулҳои таҳқиқии пешниҳодгардида дар диссертатсия дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ буда, метавонанд дар омӯзиши паҳлуҳои гуногуни эҷодиёти Саттор Турсун, инчунин дар таҳлили равандҳои умдаи насри муосири тоҷикӣ мавриди истифода қарор гиранд. Дастовардҳои таҳқиқ имкон медиҳанд, ки онҳо ҳангоми таълифи китобҳои таърихи адабиёти муосири тоҷикӣ, таҳияи таърихи ҷомеи адабиёти муосири тоҷик, корҳои адабиётшиносӣ, нақди адабӣ, сабкшиносӣ, инчунин дар таълиф ва мураттабсозии дастурҳо, китобҳои дарсӣ ва васоити таълимӣ аз фанни таърихи адабиёти муосири тоҷик ба кор гирифта шаванд.

Муаллиф дар раванди таҳқиқ мақсад ва вазифаҳои мушаххаси илмиро муайян намуда**, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшавандаро** дар чор банд мураттаб сохтааст. Ин нуктаҳо муҳтавои бобу фаслҳои диссертатсияро таҷассум намуда, дар муайян кардани омилҳои ташаккули шахсияти эҷодии Саттор Турсун, равшан сохтани ҷойгоҳи ҳикоя ва повестҳои ӯ дар насри муосири тоҷик, нишон додани вижагиҳои бадеӣ ва афзалиятҳои осори нависанда, таҳлили ҳолатҳои равонӣ ва зиддиятҳои зиндагӣ дар романи «Се рӯзи як баҳор», инчунин муайян намудани робитаи инсон ва табиат ҳамчун унсури диалектикии ҳастии иҷтимоӣ аҳаммияти хоссаи илмӣ доранд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Эътимоднокӣ ва саҳеҳии натиҷаҳои бадастомада дар диссертатсия тавассути истифодаи мақсадноки осори назариявӣ, такя ба дастовардҳои муҳаққиқони варзидаи адабиётшиносон, муроҷиат ба сарчашмаҳои муътамад ва интихоби дурусти усулҳои таҳқиқи илмӣ таъмин гардидааст. Ҳаҷми маводи таҳқиқ, тарзи коркарди натиҷаҳо ва шумораи интишороти илмии диссертант ба талаботи амалкунандаи марбут ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология мутобиқат менамоянд. Омӯзиши ҳамаҷонибаи сарчашмаҳо ва таҳлили амиқи масъалаҳои матраҳгардида ба муаллиф имкон фароҳам овардааст, ки хулосаҳои боэътимод ва илмӣ барорад ва ҳамзамон дурнамои таҳқиқи минбаъдаи самтҳои дигари фаъолияти эҷодии адибро муайян намояд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии диссертант Саидзода Саида Саид дар анҷом додани таҳқиқ бо иҷрои мустақилонаи пурраи рисолаи илмӣ ифода меёбад. Аз ҷумла, омӯзиш ва таҳлили марҳилаҳои ташаккул ва рушди эҷодиёти Саттор Турсун, баррасии қадамҳои ибтидоӣ дар эҷоди асарҳои насрӣ, таҳқиқи ҷанбаҳои жанрии ҳикоя, повест ва роман, муайян намудани нақши нависанда дар ташаккули тамоилҳои асосии насри муосири

тоҷик, ошкор сохтани бозёфтҳои эҷодӣ, инчунин таҳқиқи масъалаҳои марбут ба тасвири воқеияти зиндагӣ, забон, сабки баён ва маҳорати нависандагии ӯ натиҷаи фаъолияти мустақилонаи диссертант буда, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмиро дар таҳқиқот равшан нишон медиҳад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар ҳафт мақолаи илмии муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо панҷ мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд. Муҳтавои мақолаҳо бо масъалаҳо ва самтҳои таҳқиқие, ки дар диссертатсия мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд, иртибот дошта, натиҷаҳои асосии рисоларо таҷассум менамоянд.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб бо фарогирии фаслҳо, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва феҳристи интишороти муаллиф аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат мебошад. Сохтор ва ҳаҷми рисола ба талаботи муқарраршудаи санадҳои меъёрӣ ҷавобгӯ буда, пайдарҳамӣ ва мантиқи таҳқиқ дар тамоми бобу фаслҳо ба таври равшан эҳсос мегардад. Дар матни рисола усули муназзами таҳқиқ, истинодҳои илмии асоснок, муҳокимаҳои таҳлилӣ ва хулосаҳои далелнок ба таври мукаммал баён шудаанд.

Дар **муқаддимаи** диссертатсия мубрамияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиши масъала, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқ, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқ, асосҳои методологӣ ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ба таври равшан ва бо далелҳои илмӣ асоснок ифода ёфтаанд.

Дар диссертатсия масъалаҳои асосии таҳқиқ дар се боб ба таври пайдарҳам ва мантиқӣ баррасӣ гардида, таҳлили ҳамаҷонибаи эҷодиёти Саттор Турсун ва мавқеи ӯ дар адабиёти муосири тоҷикро фаро мегирад. Ҳар боб аҳаммияти худ ва заминаи назариявӣ ва таҳлилӣ дорад, ки ба тартиби илмӣ ва мантиқии омӯзиш мутобиқат мекунад.

**Боби якум «Омилҳои ташаккули шахсияти эҷодии Саттор Турсун»** унвон дошта, аз чаҳор фасл иборат мебошад. Дар ин боб масъалаҳои роҳу марҳилаҳои ташаккули эҷодии нависанда, таҳлили равандҳои густариши жанрҳои ҳикоя ва повест дар насри муосири тоҷикии солҳои 70-90-уми асри XX, инчунин ҷойгоҳи ҳикояву повестҳои ӯ дар рушди тамоилҳои асосии насри муосир мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Диссертант бо истифодаи усулҳои муосири таҳқиқи адабиётшиносӣ

собит менамояд, ки осори Саттор Турсун бо фарогирии мавзуъҳо ва ҷанбаҳои гуногуни ҳаёти инсон мақоми хос дар адабиёти муосири тоҷик доранд. Нависанда ҳамчун шахсияти эҷодии навҷӯ ва навовар, махсусан дар жанри ҳикоя ва повест, тавассути тасвир ва таҳлили воқеияти зиндагӣ саҳми назаррас дар рушди насри таҳлилӣ, насри андеша ва насри равонӣ гузоштааст. Дар ин боб инчунин ба марҳилаҳои аввали эҷод ва аввалин ҳикояҳои нависанда, ки дар давраи таҳсил таълиф ва ба табъ расидааст, диққат дода мешавад.

**Боби дуюм «Шеваҳои тасвири воқеияти зиндагӣ дар повестҳои Саттор Турсун»** унвон дошта, аз як фасл ва чаҳор зерфасл иборат мебошад. Дар ин боб мавзуъ ва ғояи асосии повестҳои «Сукути қуллаҳо», «Камони Рустам», «Мегӯянд, ки модарам…» ва «Санг дар бағал ба тӯфон» таҳлилу баррасӣ гардида, шеваҳои мураккаби тасвири воқеияти зиндагӣ дар онҳо равшан карда шудааст. Диссертант равшан менамояд, ки гузариши нависанда аз жанри ҳикоя ба повест марҳилаи нави ташаккули фардияти эҷодии ӯро нишон медиҳад ва муносибати ҷиддии муаллифро ба таҳлили масъалаҳои зиндагӣ ва олами ботинии инсонҳо инъикос менамояд. Дар повестҳо лаҳзаҳои гуногуни зиндагии қаҳрамонҳо, радду бадали андешаҳо, низоъҳо, мавзуъҳои таърихӣ ва иҷтимоӣ бо маҳорати баланд ва таъсирбахш таҷассум ёфтаанд. Инчунин, нависанда тавонистааст, ки ҳаёти рӯзмарраи инсонро дар ҳамкорӣ бо табиат ва муҳити иҷтимоӣ ба таври мукаммал ва равшан тасвир намояд, ки ин нуқтаи назар дар таҳлили адабиётшиносии муосир аҳамияти хоса дорад.

**Боби сеюм - «Тасвири воқеияти зиндагӣ дар романи “Се рӯзи як баҳор”»** аз чаҳор фасл иборат буда, фасли сеюм аз се зерфасл таркиб ёфтааст. Дар ин боб масъалаҳои марбут ба ҳолатҳои равонӣ ва пуртазоди зиндагӣ, робитаи инсон ва табиат, таҳлили шахсиятҳои достонӣ ва хусусиятҳои забон ва сабки баёни нависанда ба таври васеъ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Диссертант собит мекунад, ки романи «Се рӯзи як баҳор» таҷассумгари як марҳилаи муҳими таърихии мардуми тоҷик, давраи баъди Инқилоби Октябр ва оғози муқовиматгароӣ мебошад. Ҳодисаву воқеаҳои роман дар доираи се рӯзи пуршиддат сурат мегиранд, аммо нависанда тавонистааст бо васеъ кардани андеша ва тааммуқи амиқ тамоми ҷузъиёти марҳилаи таърихиро ба таври пурмазмун ва таъсирбахш нишон диҳад. Аз ҷумла, таваҷҷуҳи нависанда ба муносибати инсон ва табиат яке аз ҷанбаҳои муҳими роман ба ҳисоб меравад. Ин масъала махсусан дар образи Ғазаб ва модагург равшан таҷассум ёфтааст. Диссертант таъкид мекунад, ки инсон ҷузъи табиат буда, ҳамзамон гург низ ҳамчун унсури табиат тасвир мешавад ва

пайванди диалектикии ҷузъҳои табиат дар тасвири бадеии роман ба таври таъсирбахш инъикос ёфтааст. Ҳамчунин, Саттор Турсун ҳолатҳои равонӣ, низоъҳо ва бархӯрдҳои пуртазод ва пуршиддати қаҳрамонҳоро бо маҳорати баланди бадеӣ ба қалам овардааст (диссертатсия, саҳ. 108). Илова бар ин, истифодаи огоҳона ва мақсадноки ганҷинаи забони тоҷикӣ ба сифати забони нигориш ва ҳусни баёни асар таъсири мусбат гузоштааст, ки хонанда бо лаҳни таъсирбахш ва рангини забон рӯ ба рӯ мегардад.

Дар маҷмуъ, таҳлили се боби диссертатсия нишон медиҳад, ки муаллиф бо риояи пайдарҳамии мантиқӣ ва истифодаи усулҳои замонавии таҳқиқоти адабиётшиносӣ тамоми ҷанбаҳои эҷодиёти Саттор Турсунро дар сатҳи баланди илмӣ омӯхтааст. Хулосаҳо ва натиҷаҳои пешниҳодшуда бо муҳтавои умумии рисола ҳамоҳанг буда, арзиши назариявӣ ва амалӣ доранд. Ин таҳқиқ саҳми назаррас дар омӯзиши насри муосири тоҷик ва ҷойгоҳи Саттор Турсун дар адабиёти тоҷик мебошад.

Хулосаи умумии диссертатсия дар 13 банд таҳия гардида, муҳимтарин натиҷаҳо ва бардоштҳои илмии муаллифро дар бар мегирад. Ҳар як банд бо истинод ба мақолаҳо ва таълифоти илмии диссертант мустаҳкам гардида, маншаи он аз муҳтавои фаслу бобҳои рисола бармеояд, ки ин аз пайдарҳамӣ ва мантиқияти таҳқиқ дарак медиҳад.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Саидзода Саида Саид ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, тахассуси илмии диссертант ба ихтисоси дархостшавандаи 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) пурра мутобиқат менамояд.

Бо вуҷуди он ки диссертатсияи мавриди тақриз дорои дастовардҳои назарраси илмӣ, таҳлилҳои мундариҷавӣ ва хулосаҳои қобили таваҷҷуҳ мебошад, он аз баъзе норасоиҳо низ холӣ нест. Ишора ба чунин ҷиҳатҳо метавонад дар такмили минбаъдаи таҳқиқ ва боло бурдани сатҳи илмии он мусоидат намояд:

1. Ба андешаи мо, ҳангоми баррасии дараҷаи омӯзиши мавзуъ баъзе аз таҳқиқоти муҳаққиқони соҳаи адабиётшиносӣ, ки бевосита ба объекти таҳқиқ алоқаманд мебошанд, пурра фаро гирифта нашудаанд. Хусусан, корҳои илмие, ки ба масъалаҳои жанри ҳикоя ва повест марбутанд ва дар боби якум мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд, метавонистанд таҳлили масъалаҳоро ғанитар намоянд. Аз ҷумла, таҳқиқоти Раҳмонов Ҳ.А. бо унвони «Фазлиддин Муҳаммадиев ва

таҳаввули ҳикояи муосири тоҷик (солҳои 60-80-уми асри XX)» (Душанбе, 2023. – 174 с.) дар феҳристи таҳқиқот ҷой надорад.

2. Сохтори боби якуми диссертатсия ниёз ба таҳрир ва такмил дорад. Ин ҷо маълумоти таҳлилӣ оид ба густариши ҳикоя ва повест дар насри муосири тоҷик дар солҳои 70-90-уми асри XX пешниҳод гардидааст, аммо дар ҷойгиршавӣ ва мутаносибии мавод бо унвони боб як навъ номутаносибӣ ба назар мерасад.

3. Чунин ба назар мерасад, ки зимни баррасии баъзе масъалаҳо, махсусан дар фасли 1.3., диссертант бештар ба андеша ва натиҷаҳои муҳаққиқони дигар такя намуда, мавқеи таҳлилӣ ва хулосаҳои шахсии худро ба андозаи кофӣ ифода накардааст. Иловар бар ин, дар баъзе саҳифаҳои диссертатсия иқтибосҳо ба таври густарда оварда шудаанд (саҳ. 92, 93, 94, 118), ки дар гоҳо саҳми таҳлили мустақили муаллифро коҳиш дода, ба баррасии амиқи масъалаҳо маҳдудият эҷод мекунанд.

4. Дар боби дуюми диссертатсия, ҳарчанд ғояҳои асосии повестҳои мавриди таҳлил бо мисолҳои мушаххас нишон дода шудаанд, аммо ҳангоми таҳлили ҷудогонаи онҳо беҳтар мебуд, агар шеваҳои тасвири воқеияти зиндагӣ ба таври муқоисавӣ баррасӣ мегардиданд. Чунин усул имкон медод, ки маҳорати эҷодӣ ва марҳилаҳои рушди бадеии нависанда равшантар муайян карда шаванд.

5. Дар матни диссертатсия дар баъзе мавридҳо такрори андеша ва фикрҳо ба назар мерасад (саҳ. 50, 55, 57, 63, 70 ва ғ.), ки метавонад бо таҳрири услубӣ ва ихтисори мақсаднок бартараф гардад.

6. Дар саҳифаҳои гуногуни диссертатсия ва автореферат ғалатҳои имлоӣ, китобатӣ, техникӣ ва гуногуннависӣ мушоҳида мешаванд (саҳ. 13, 15, 33, 35, 48, 64, 98 ва ғ.), ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор мебошад.

Ба таври умум, эродҳои зикршуда хусусияти ислоҳпазир, тавсиявӣ ва пешниҳодӣ дошта, аҳаммияти илмии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд.

Автореферат ва мақолаҳое, ки диссертант оид ба мавзуи таҳқиқӣ нашр намудааст, муҳтавои диссертатсияро фаро гирифтаанд. Воқеан, мавзуи интихобнамудаи ӯ ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) мувофиқат мекунад. Ҳамчунин, коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯст.

Хулоса, диссертатсияи Саидзода Саида Саид дар мавзуи «Тасвири воқеияти зиндагӣ дар насри Саттор Турсун» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34, 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси мукаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби номзади илмҳои филологӣ, иҷрокунандаи вазифаи дотсенти кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Зулфиев Гадомад Нурмадович омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи шуъбаи адабиёти муосир муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (протоколи №7 аз 29 январи соли 2026).

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 11 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор 11 нафар, зид нест, бетараф нест.

**Раиси ҷаласа:**
Доктори фалсафа (PhD), аз рӯйи ихтисоси
филология, и.в. дотсент, мудири кафедраи
адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии
Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Шамшоди Ҷамшед

**Эксперт:**
Номзади илмҳои филологӣ, и.в. дотсенти
кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии
Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Зулфиев Гадомад Нурмадович

**Котиби илмии ҷаласа**:
Номзади илмҳои филологӣ, саромӯзгори
кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии
Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Мирзоева Маҳтовбӣ Мустафоевна

Имзоҳои Шамшоди Ҷ., Зулфиев Г. ва
Мирзоева М.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДКба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ: Давлатов М.А.

**Нишонӣ:** 735360, шаҳри Кулоб, кӯчаи С.Сафров 16
Тел.: +992 (3322) 2-35-06;
E-mail: info@kgu.tj, web-сайт: www. kgu.tj

«03» 02 соли 2026